Дарки дараҷаи "сифат" ва фаҳмиши моҳияти он дар асоси муносибатҳои омилҳои зерин амалӣ мешавад: арзишҳои рӯҳӣ ва маънавии шахсият, ки ҷаҳонбинӣ ва тавҷеҳи ӯро дар ҳаёт инъикос менамоянд; шартҳои ба эҷодкории шахсият, баҳодиҳии ӯ аз тарафи ҷамъият, асоснокии фаъолияти иҷтимоӣ; омили истеъмолӣ, ки ба қаноатмандии инсон аз сифати ҳаёт, натиҷаҳои эҷодкории ӯ ҷавобгӯ аст; омили инъикоскунандаи таркиби технологии фаъолияти инсон: сифати маводҳо, технологияҳо, маҳсулоти ҷамъбастии раванди технологиро инъикоскунанда.

Мувофиқи дар боло қайдшуда, зикр намудан мумкин аст, ки дараҷаи "сифат" ин мавҷудоти зиндаест, ки зиёда аз садҳо сол муҳокима мешуд ва дар оянда муҳокима хоҳад шуд, аз он ки вай бевосита бо назарияи идоракунӣ алоқаманд аст. Мафҳуми "сифати таълим" дар педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ ба таври гуногун маънидод мешавад. Аз рӯи таърифи Н.Б. Фомина, "сифат-дараҷаи мувофиқати раванди таълимӣ-тарбиявӣ, ки бо таснифоти таълим ва тарбияи гирифташуда, сатҳи шартии иҷтимоии онҳо ифода шудааст". Дар педагогикаи Ғарб зери мафҳуми "сифати таълим" "сатҳи донишҳои аввалия", "дониши пурра", "мағзи дониш" фаҳмида мешавад. Таснифоти натиҷаҳои фаъолият дар навбати аввал, бо тасвири миқдории сифати предметҳо ва равандҳо алоқаманд аст. Ин самтро равияи махсуси тадқиқот меомӯзад, ки номи "квалиметрия" (аз лотинӣ "квали"-сифат ва юнонӣ "метро"- ченкунӣ)- ро дорад.

Масъалаи баҳодиҳии сифати фаъолияти таълимии омӯзгор марҳила ба марҳила дар тадқиқотҳои В.П. Беспалко, М.Н. Левицкий, А.К. Маркова, В.П. Симонов, Т.И. Шамова баррасӣ шудааст. Дар корҳои ин олимон қайд шудааст, ки барои муқоисаи самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва баҳодиҳии салоҳиятнокии онҳо нишондиҳандаҳо лозиманд.

Рушди илмҳои гуногун ба он овардааст, ки дар ҳар яки онҳо, дар иқтисодиёт, сотсиология, педагогика, идоракунӣ ва ғайра, мафҳумҳои зиёди сифат пайдо шудааст. Ин мафҳумҳо аз тафсири мафҳуми сифат мувофиқи хусусиятҳои илм ва предмети тадқиқоти он вобастаанд.

Дар доираи тадқиқоти мазкур мафҳуми "сифат" дар назарияи идоракунӣ аҳамияти махсус дорад. Ин ҷо диққати олимон ба сохтан ва истифодаи баъзе маҳсулот ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст. Асоси технологияҳои нави идоракунӣ ба қишри бузурги дастовардҳои назариявии назарияи анъанавии идоракунии муассисаҳои таълимӣ такя мекунанд, асоси онҳо дар заҳматҳои Ю.К. Бабанский, Ю.А. Конаржевский, М.М. Поташник, Т.И. Шамова, В.П. Симонов, Б.И. Канаев оварда шудааст. Муносибати нав ба мафҳуми сифат, ки дар қонунгузории давлатҳо дарҷ шудааст, дар стандартҳои ҷаҳонии ИСО силсилаи 9000 соли 2020 инъикос шудааст. Дар мазмуни ин стандартҳо талаботҳо ба таҳия ва ташкили идоракунии сифат дар муассисаҳо, корхонаҳо, ширкатҳо дар тамоми ҷаҳон ҷой дода шудааст.

Дар адабиёти педагогӣ зери мафҳуми мониторинг системаи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои гуногунро мефаҳманд, ки ҳангоми қабули қарорҳои босамар дар раванди идоракунӣ истифода мебаранд. Ҳангоми мониторингро азҷумла, чун таснифоти сифати объектҳо муайян намудан, зикр кардан лозим аст, ки он имкони сохт ва таркиббандӣ кардани ин таснифотро низ медиҳад. Лекин, агар мониторинг чун пайдоише дар доираи фаъолияти идоракунӣ қабул карда шавад, дар он якчанд вазифаҳои ташкилиро ҷудо кардан мумкин аст: ҳолатҳои гуногуни пайдоишотро дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии одамон, ҳолатҳои табиӣ, ҳолатҳои муҳити атроф ва ғайраро таркиббандӣ менамояд, ки маълумот дар бораи онҳо барои қабули қарор асос мешавад; алоқаи дутарафаро аз рӯи қарори қабулшуда таъмин, вобастагии қарорҳои қабулшуда ва натиҷаҳои ҷамъбастии фаъолиятро ташкил мекунад;

шартҳои мувофиқати қарорҳои қабулшуда ва қоидаву қонунҳои рафтори одамонро таҳия менамояд.

Дар модели нави рушди таҳсилоти тоҷик то соли 2025 қайд шудааст, ки нақши муҳимро системаи берунӣ ва дохилии баҳодиҳии сифати чӣ фаъолияти муассисаи таълимӣ ва чӣ таълими гирифтаи хонандагон мебозанд.

Мавқеи муҳимро дар ин модел таҳия ва амалисозии сохтори баҳодиҳии сифати таълим ишғол мекунад. Дар асл, ин сохторест, ки дар он ғояи мониторинг ҷой шудааст, ки дар пайдарҳамии муайян дурусткунии сифатро аз рӯи ҳар як фан, дар ҳар як курс ва семестри таълим имкон медиҳад. Аз ин сабаб, сохтори баҳодиҳии сифат нақши механизми назоратӣ-танзимкуниро дар иштирок дар идоракунии сифати конкретӣ, мебозад. Ғайр аз ин мониторинги дар сохтори баҳодиҳии сифат ҷойдошта, чун қисмати иттилоотӣ хизмат мекунад, ки дар он маълумоти даврзананда аз ҳар як раванди сифати таълими мутахассисони оянда хабар медиҳад.

Дар назарияи идоракунии колеҷ нақши асосиро ҳолати зарурати муносибати системавӣ дар ташкили идоракунии колеҷ мебозад. Диди нави раванди идоракунии колеҷ дар давраи навсозӣ, ки ба муносибати системавӣ такя мекунад, дар монографияи таҷрибавӣ-нигаронидашудаи коллективи муаллифон бо сарварии Т.И.Шамова пешниҳод шудааст.

Назарияи муносибгардонӣ, ки ба муносибати системавӣ асоснок шуда, аз тарафи мактаби илмии Ю.К. Бабанский пешниҳод шудааст, ба он асос ёфтааст, ки раванди таълим серомил ва сернақша шуда, сифатро қатъиян бо чораҳои алоҳида баланд бардоштан номумкин аст. Мувофиқи ин назарияи таҳия шудаи идоракунии дохиликолеҷӣ дар ҷанбаи мақсадноки идоракунӣ сохта мешавад. Асли он ин аст, ки ҳама қисматҳои таълим дар колеҷ ба мақсади ягона ва аниқ оварда мешаванд. Мақсади колеҷи касбӣ чун сохтори кушоди иҷтимоӣ-педагогӣ дар натиҷаи муносибат бо муҳити атроф дуруст карда мешаванд. Лекин идоракунӣ дар асоси принсипи алоқаи ҷавобӣ самаранок нест, аз он ки сохтор пурра бо маълумоти алоқаи ҷавобӣ амал карда наметавонад. Маҳдудияти донишҳо оид ба объекти идоракунӣ муайян намудани чораи дахолати идоравиро имкон намедиҳад.

Модели таҳияшудаи идоракунии сифат дар муассисаи муосири таълимӣ, ки дар кори олими рус Т.И.Шамова пешниҳод шудааст, сифати таълими хонандагон (дониш, малака, таҷриба, сатҳи маданиятнокӣ, дастовардҳои таълимӣ дар озмунҳои гуногун ва ғайра) дар муносибат бо он омилҳо ва шартҳо пешниҳод шудааст, ки новобаста ба сифати баррасишаванда: сифати таълим дар колеҷ, сифати натиҷаи омӯзиши донишҷӯён, сифати фаъолияти ғайридарсии онҳо ва ғайра таъсир мерасонанд. Қисмати муҳими модели Т. И. Шамова он аст, ки дар он шартҳои давравии ҷамъоварии маълумот, муайян сохтани шахсони масъули зерсохторҳои колеҷ, ки барои қабули қарорҳои хулосавӣ дар идоракунии сифат ҷавобгаранд, таҳия шудааст.

Фикри баёншуда сохтори идоракунии дохиликолеҷиро ба таҳияи барномаҳои назорат аз рӯи маҷрои маълумот ва интихоби маълумоти дақиқ, боваринок ва пурра оид ба ҳолати корҳо бо таснифоти босифати таълим, равона месозад. Аз ин лиҳоз, дар моделҳои муосири идоракунии сифати таълим бояд усулҳои нав ва инноватсионии дарёфти маълумот истифода шаванд. Усулҳои анъанавӣ, чун иштирок дар лексияҳо ва машғулиятҳои амалии омӯзгорон, омӯзиши ҳуҷҷатгузории кафедра, суҳбат бо омӯзгорону донишҷӯён, роҳбарони таълимро дар қабули қарорҳои идоракунӣ қонеъ намуда наметавонанд. Имрӯз таҳия ва татбиқи муносибати таҳлилӣ ба лоиҳабандии системаи иттилоотӣ ва ҷустуҷӯи воситаҳои истифодаи оқилонаи онҳо талаб карда мешавад. Аз ин сабаб, вазифаи асосии мониторинги сифати таълим дар он аст, ки сохтори идоракунии муассисаи таълимӣ бо маълумоти пурра ва дақиқ таъмин карда шавад, ки он ба самаранок иҷро намудани вазифаҳои система мусоидат намояд.

Мувофиқи чунин фаҳмиши мониторинг ва вазифаҳои он, мақсади вай амалӣ мешавад, агар маълумот оид ба сифати кори сохтори таълимӣ дақиқ, пурра ва боваринок бошад. Муҳим аст, ки ваҳифаҳои гузошташуда ба таъмини мақсади мониторинг имкон диҳанд.

Вобаста ба ин, дар илми педагогика вазифаҳои зерини таъминкунандаи ноилшавии мониторинги сифати таълимро ҷудо менамоянд: зарурати кори бомаром дар бадастоварии маълумот оид ба сифати объектҳои таъминкунандаи фаъолияти муассисаи таълимӣ; зарурати истифодаи усулҳои оморӣ дар коркард ва таҳлили маълумот оид ба сифати раванди таълимӣ; хабардиҳии саривақтии сохтори идоракунии муассисаи таълимӣ оид ба ҳама тағйиротҳо дар сохтори сифат; таъмини имконияти нигаҳдории маводҳои бадастомада оид ба таснифоти босифати раванди таълим дар муҳлати таъиншуда; имконияти дастрасии бемаҳдуд ба чунин маълумотҳои ҳама субъектҳои таълим.

Вазифаҳои интихобшуда мувофиқи хусусиятҳои равандҳои технологӣ муайян шудаанд, ки дар раванди таълим ва дар асоси талаботҳо ба маҷрои маълумотҳо: ҷамъоварии маълумот, коркард ва таҳлили маълумот, шароитҳои нигаҳдории маълумот, давр мезананд.

Дар боби дуюм "**Истифодаи мониторинг дар идоракунии сифати таълим дар колеҷ**" таҳия ва воридкунии мониторинг дар раванди идоракунии сифати таълим амалӣ шуда, мониторинги сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ лоиҳабандӣ ва санҷида шудааст.

Ташхиси пешакии тайёрии таҳия ва истифодаи мониторинги сифати таълим зарурати таълими ҳама ҳалқаҳои фаъолияти идоракунии колеҷро нишон дод. Ин фаъолият гузариши марҳила ба марҳиларо ба ғояи таҳия ва истифодаи мониторинги баҳодиҳии сифати таълим талаб мекард. Дар марҳилаи якум, дар раванди ташкили кори таҷрибавӣ-санҷишӣ муайян карда шуд, ки яке аз равандҳои муҳим ҳангоми ташкили мониторинги баҳодиҳии сифати таълим (МБС) –и колеҷ, омӯзонидани роҳбарон ва кормандони зинаи болоӣ (директор, ҷонишинҳо, роҳбарони зерсохторҳо) талаб карда мешавад. Ин ҷо вазифаи бо донишҳои кифоя муссалаҳ намудани роҳбарияти колеҷ барои гузаронидани корҳо дар марҳилаи аввал, ҳал карда шудааст. Дар марҳилаи дуюм ба омӯзиш дигар зинаҳои кормандон (мудирони шуъбаҳо, мутахассисони зерсохторҳо) ҷалб карда шуданд.

Мушкилоти зиёд дар марҳилаи аввали корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ пайдо шуданд, ки бо фаҳмиши мафҳумҳои нави фаъолияти идоракунӣ, зарурати ҳамҷоясозии кушиши кормандон дар гузаронидани амалҳои идоракунӣ ба сохтори ягонаи идоракунӣ алоқаманд буданд. Ташхис нишон дод, ки мушкилот ва холигиҳои асосӣ дар фаъолияти идоракунӣ, дар ташаккули донишҳо ва малакаҳои зинаи болоии роҳбарияти колеҷ ҳангоми ташкили кор мувофиқи талаботҳои стандарти ИСО 9000-2020 мебошанд.

Дар асоси марҳилаи дуюм таҳияи шабакаи равандҳои МБС-и колеҷ ҷой дошт. Аз рӯи ҳама намуди фаъолияти ба сифати хизматрасонӣ таъсиркунанда, ваколат, уҳдадориҳо ва масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти амалишаванда, муайян карда шудаанд. Ба сифати воситаи методии тақсимоти хосиятҳои МБС матритсаи тақсимоти масъулият истифода шуд, ки барои таҳлили алоқаҳои муштараки зерсохторҳо ва шахсони масъули колеҷ (нусхаи матриса) хизмат мекунад. Уҳдадориҳо, ҳуқуқ ва масъулияти роҳбарон ва кормандон дар соҳаи сифат дар дастурҳои вазифавӣ ва низомномаҳо оид ба зерсохторҳо дарҷ шудаанд. Дар якҷоягӣ бо муайян сохтани шабакаи равандҳо таҳияи сиёсат дар соҳаи сифат амалӣ карда шудааст, ки дар он ҳадаф, дурнамо, мақсадҳои асосӣ инъикос шудаанд.

Дар марҳилаи сеюм таҳияи ҳуҷҷаҳгузории системаи менеҷменти сифат амалӣ карда шудааст, ки таҳияи дастур оид ба сифат, тартиби ҳуҷҷатгузоришуда, навсозии ҳуҷҷатгузории ҷории сатҳи сеюм (низомномаҳо, дастурамалҳо, қоидаҳо, дастурҳои методӣ) - ро дар бар мегирад. Ба ҳар як раванд дар зерсохторҳои сохтории мувофиқ сабтҳо оид ба сифат муайян карда шудаанд.

Марҳилаи чорум ҷорикунии системаи менеҷменти сифатро дар амалияи фаъолияти идоракунӣ талаб мекард. Амалисозии он зарурати амали идоракуниро мефаҳмонид, ки фаъолияти ҳама сохторҳои идоракуниро оид ба ҷорикунии МБС ва муайян сохтани муҳлатҳои аниқи ташкили МБС-ро таъмин мекард.

Дар таҳия ва ҷорикунии мониторинги сифати таълим муайян намудани объектҳои таълимӣ зинаи муҳим ба ҳисоб меравад, ки аз рӯи онҳо самаранокӣ ва сифати фаъолияти таълимӣ дар колеҷ назорат карда мешавад. Ба чунин объектҳо дохил карда шудаанд: раванди таълим; раванди тарбия; раванди таҷрибаҳои истеҳсолӣ (касбӣ); раванди ҳамроҳии

методӣ; хизматрасонии иловагии таълимӣ; ташкили курсҳои тайёрӣ; мусоидат ба таъмини ҷои корӣ; хизматрасонии психологӣ-педагогӣ ба донишҷӯён; хизматрасонии китобхона.

Мувофиқи ин, маҷмӯи мақсадҳои фаъолияти идоракунӣ муайян ва дуруст карда шуд, ки ҷорикунии мониторинги сифати таълимро дар кори идоракунӣ таъмин менамояд. Ба он мақсадҳои зерин дохил карда шуданд:

мақсади баланд бардоштани сифати таълим;

мақсади раванди тарбия;

мақсади раванди таҷрибаҳои истеҳсолӣ (касбӣ);

мақсади раванди ҳамроҳии методии фаъолияти таълимии омӯзгорони колеҷ;

мақсади лоиҳабандӣ ва таҳияи ҳуҷҷатгузории нақшавӣ-таълимӣ;

мақсади фаъолияти хизматрасонии иловагии таълимӣ;

мақсади фаъолияти ташкили курсҳои тайёрӣ;

мақсади фаъолияти маслиҳати корӣ ва мусоидат ба таъмини ҷои корӣ;

мақсади фаъолияти ташкили кори комиссияи қабул;

мақсади фаъолияти пешбарии хизматрасонии таълимӣ;

мақсади фаъолияти хизматрасонии психологӣ-педагогӣ;

мақсади фаъолияти хизматрасонии китобхона.

Муайян сохтани мақсадҳои мониторинг ва таҳияи мазмуни он имкон дод, ки ҳама равандҳои идоракунӣ, ки ба сифати таълим таъсир мерасонанд, мувофиқа карда шуда, сохтори идоракунии сифати таълим дар колеҷ ташкил карда шавад. Ин сохтор маҷмӯи равандҳои аз ҳамдигар вобаста буда, чун як қисми таркибии ҳама сохтори идоракунии сифати таълим дар колеҷ мебошад. Дар асоси он, равандҳои идоракунии сифати кори таълимии колеҷ ба пуррагӣ ба назар гирифта шудаанд, ки дар як ҳалқаи амал, чун банақшагирии кори таълимӣ, ташкили фаъолияти таълимӣ, баҳодиҳии натиҷаҳо, таҳлил ва ислоҳкунии зарурии натиҷаҳои дастрасшуда, ҷойгир шудаанд.

Барои истифодаи самараноки мониторинг, роҳбар бояд ҳама намудҳои бо ҳам алоқаманди равандҳо ва фаъолиятро муайян ва идора кунад. Истифодаи ғояи муносибати системавӣ дар мониторинги сифати таълим, ки дар системаи маҷмӯи равандҳо, якҷоя бо ҳаммонандӣ ва ҳамамалии онҳо ифода мешавад, таснифоти муносибати системавӣ-фаъол чун асоси дар тадқиқот қабулшударо инъикос мекунад.

Озмоиш нишон дод, ки тартиб додани мониторинги сифати раванди таълимро аз таҳлили сифати таълим оғоз намудан лозим аст. Ин ба хулосаҳои муайян овард: якум, муайян намудани параметрҳои сифати натиҷаи таълим барои тартиб додани мониторинги сифати раванди таълим; дуюм, муайян намудани вазифаи мониторинг ва мазмуни он; сеюм, фикр карда баромадани даврияти он; чорум, ҷамъ овардани асбобҳои ташхисӣ барои гузаронидани мониторинг; панҷум, муайян намудани самти мониторинг; шашум, фикр карда баромадани тартиби ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди маълумотҳои бадастомадаи мониторингро.

Ҳангоми ба ташкили мониторинг оғоз намудан, инчунин параметри сифати тартиби он ифода карда шуд. Моҳияти тартиби мониторинг дар мушоҳида аз рӯи равандҳои ташаккули босифати раванди идорашаванда ва тартиб додани нишондиҳандаҳои онҳо бо талаботҳои меъёрӣ ба ҳолати додашуда ва нишондодаҳои мақсаднок ифода меёбад.

Аз ин бармеояд, ки мазмуни мониторинг бояд маҷмӯи батафсил дарҷшудаи нишонаҳои сифати пайдоиши мушоҳидашаванда дар мувофиқат бо талаботҳои муосири меъёрии онҳо бошад. Ана ҳамин мавқеъҳо таркиби параметрҳои сифатро барои мониторинг муайян месозанд.



Расми 1. Нақшаи муносибатҳои равандҳои идоракунӣ

Дар озмоиш параметрҳои зерин муайян карда шуданд: ваколатнокӣ- параметри мувофиқати таснифотҳое, ки дар натиҷаи ташхиси қисм (интихобӣ)-и ташхиси ягон объект ба таснифоти ин объект дар маҷмӯъ ба даст омада, паҳнсозии хулосаи ташхиси қисмро ба ҳамаи объект дар маҷмӯъ дода, дар ин ҳолат меъёри параметр ҷудосозии нишонаҳои сифатро дар ҳар элементи сохтори тадқиқшаванда имкон медиҳад; сохторнокӣ - параметри танзимноки системавии элементҳо, ки меъёри параметр танзимнокии системавии пойгоҳи маълумоти баҳодиҳии экспертӣ ба ҳисоб меравад; ҳаммаъногӣ- параметри дарки аниқи

маъногии ҳама элементҳои мазмуни мониторинг бо меъёри ҳаммаъногии дарки маъногии ҳама нишонаҳои сифат дар пойгоҳи маълумоти баҳодиҳии экспертии объекти идорашаванда.

Таркиби ошкоршудаи параметрҳои сифати таълим хусусиятҳои сохт ва методҳои мониторингро сабаб мешавад, ки ба сифати онҳо усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди махсуси маълумот истифода мешаванд. Ба параметрҳои сифати таълим дохил намудан мумкин аст: мақсаднокӣ- параметри мутобиқати тартиби мониторинг ба мақсадҳои истеҳсолии идоракунӣ, меъёр дар ин ҷо мувофиқати усулҳои назорат аз болои ҳолати босифати объекти идорашаванда ба гузориши мақсадноки дараҷаи таҳлилии идоракунӣ мебошад; мураттабӣ- параметри сафнокӣ, пайдарҳамии қатъӣ ва доимияти амалҳои такроршаванда бо меъёри сафнокии ташкилӣ ва доимият дар амалисозии тартиби мониторинг; муносибӣ- параметри имкониятҳои мониторинг таъмин намудани дастовардҳои натиҷаҳо бо дараҷаи камтарини хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ (инсонӣ, вақтӣ, маводӣ ва диг.).

Натиҷаи мониторинг майдони иттилоотие мебошад, ки ҳолати аниқи объекти идорашавандаро дар лаҳзаи гузаронидани буриш инъикос мекунад. Пас аз коркарди муайян майдони додашуда ба сатҳи таҳлилии технологияи идоракунӣ, ба предмети таҳлил табдил ёфта мегузарад, ки дар он параметрҳо мешаванд: кифоягӣ- параметри пуррагии таъминоти иттилоотӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ (баҳодиҳии амалии объекти идорашаванда ва таҳлили он), бо меъёри пуррагии таъминоти иттилоотӣ, ки барои амалӣ сохтани амалҳои таҳлилӣ зарур аст, мусоидат мекунад; воқеӣ- параметри мувофиқати дониши азхудшуда ба хусусиятҳои аслии объекти назоратӣ бо меъёри баҳодиҳии ҳолати ҳақиқии объекти назоратӣ новобаста аз хусусиятҳои фардии суъекти баҳодиҳӣ; саривақтӣ- параметри вобастагии муваққатии функсияи давраи идоракунӣ, ки дар он меъёр қарори саривақтӣ қабулшуда дар асоси маълумотҳои майдони иттилоотӣ мебошад; асоснокӣ- параметри самаранокии педагогии мониторинг, хусусияти таҷрибавӣ-муайянии баҳодиҳии он бо меъёрҳои тартибӣ ва расмии майдони иттилоотии предмети таҳлил; серамалӣ- параметри имконоти эътинои пайдоиш ба ҳама тағйироти дохилӣ, ки меъёри он ҳаракати миқдорӣ ва сифатӣ дар бузургиҳои баҳодиҳии пайдоиши тадқиқшаванда дар ҳолати баҳодиҳии объекти идорашаванда мебошад.

Қисмҳои таркиби раванди таълимро ҷудо намуда, мо ба ғояҳои Б.И.Канаев вохурдем, ки чунин мешуморад: сифати раванди таълим аз се теға ташкил меёбад: дарккунӣ, иҷтимоӣ, психофизикӣ. Теғаи дарккунӣ чун натиҷаи раванди таълим баррасӣ мешавад, ки он қисми таркибии сегонагӣ мебошад. Он дар бузургиҳои нишондиҳандаи мураккаби интегративии сатҳи мутобиқ шудани донишҷӯён дар фазои иттилоотӣ-технологӣ ифода ёфта, салоҳиятнокии онҳоро дар доираи предметҳои таълим, ташаккул медиҳад. Теғаи иҷтимоии натиҷаи раванди таълим низ қисми таркибии сегона буда, дар он таснифоти нишондиҳандаи мураккаби интегративии мутобиқшавии донишҷӯён дар фазои тамоюли арзишманди иштирокчиён ба фаъолияти муштараки ташкил намудаи муассисаи таълимӣ, инъикос мешавад. Теғаи психофизикии раванди таълим қисми сегона буда, нишондиҳандаи мураккаби интегративии дараҷаи мутобиқшавии донишҷӯён ба фазои муассисаи таълимӣ ташкил намудаи нигаҳдоранда ва ташкилдиҳандаи саломатӣ, ки дар мавқеъҳои талаботи функсионалӣ ба иштироки самараноки онҳо ба фаъолияти таълимиашон ташкилшаванда, мебошад.

Масалан, параметри муносибати донишҷӯён ба олами атроф чунин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад: кунҷковӣ, меҳнатдӯстӣ, вазифа, фаъолнокӣ, ботартибӣ, сарфакорӣ, масъулнокӣ, андозаи амалиёт, дараҷанокии амалиёт. Ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намуда, бо истифода аз лавозимоти ташхисии Б.И.Канаев мо оид ба сифатҳои маънавии донишҷӯён (дар матритса пешниҳод шудааст) тасаввурот пайдо намудем.

Ҷадвали 1. «Матритсаи нишондиҳандаҳои маънавии хонандагони муассисаи таълимӣ»

Хол	**Меҳнатдӯстӣ**	**Ботартибӣ**	**Эҳтиёткорӣ**	**Масъулият ва ухдадорӣ**
5	Ба ҳама	Рафтораш	Амволи	Супоришҳои

	равандҳои меҳнатӣ фаъолона муносибат мекунад	намунавӣ, тартиби рафторро риоя менамояд	мактабиро эҳтиёт мекунад	ҷамъиятиро иҷро мекунад
4	Танҳо ҳангоми назорат аз тарафи педагогҳо меҳнатдӯст аст	Новобаста аз будан ё набудани назорат рафтори хуб дорад	Эҳтиёткор аст, вале ба ин сифати ҳамгурӯҳон беъэтибор аст	Супоришҳои ҷамъиятиро бомасъул иҷро мекунад
3	Дар меҳнат танҳо ҳангоми назорат иштирок мекунад	Тартиби рафторро ҳангоми назорат риоя мекунад	Ҳангоми ҳис кардани назорат, эҳтиёткорӣ мекунад	Супоришҳоро нохоҳамона иҷро мекунад
2	Барои иштирок накардан дар меҳнат, ҳама роҳро истифода мебарад	Тартиботро риоя намекунад, ба таъсири беруна ҷариб амал намекунад	Беэҳтиёт аст, ба амвол зарар мерасонад	Аз супоришҳои ҷамъиятӣ сар мекашад, бемасъулият

Истифодаи формулаи Б.И.Канаев N5 x 1 + N4 x 0,7 + N3 X 0,3 + N2 x 0,1/0,01 - суммаи ҳама қайдҳои N, ки (N) миқдори қайдҳои як қимат аст, дар бораи яке аз параметрҳои муҳими сифати раванди таълим дар колеҷ, ба ҳар як донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯён вобаста, тасаввурот медиҳад.

Ҷадвали 2. Баъзе нишондиҳандаҳои сифати раванди таълим то ва пас аз кори тачрибавӣ-озмоишӣ (КТО)

	Нишондиҳандаҳои самаранокии раванд	**Натиҷаи аслӣ**	
		То КТО	Пас аз гузаронидани КТО
.	Ҷой доштани даъво ба ташкили раванди таълим (идоракунии таълим)	5 кол.	3 кол.
.	Иштироки донишҷӯён дар машғулиятҳои таълимӣ	68%	82%
.	Муваффақияти мутлақ дар сессияи зимистонаи имтиҳонӣ	86%	91%
.	Муваффақияти сифатӣ дар сессияи зимистонаи имтиҳонӣ	32%	46%
.	Муваффақияти мутлақи буриши маъмурӣ	82%	90%
.	Муваффақияти сифатии буриши маъмурӣ	33%	44%
	Дараҷаи баланди тарбияи маънавии донишҷӯён	14%	24%
	Дараҷаи миёнаи тарбияи маънавии донишҷӯён	75%	69%
	Дараҷаи пасти тарбияи маънавии донишҷӯён	11%	7%

Натиҷаи мониторинги раванди таълимро то ва пас аз КТО муқоиса намуда, мо рушди мусбиро дар ҳама нишондиҳандаҳо қайд намудем. Натиҷаҳои буришҳои назоратӣ

(муваффақияти мутлақ ва сифатӣ) хеле беҳтар шуданд. Дар мутобиқат ба онҳо чорабиниҳои зерини ислоҳкунандаи мониторинг таҳия карда шудаанд: 1) назорат кардани тамоюли нишондиҳандаҳои самаранокии раванд дар натиҷаи буришҳои назоратӣ: муваффақияти мутлақ ва сифатӣ; 2) идомаи кор бо ҷалби волидайн ба ташкили раванди таълим (масъалаҳои иштирок дар дарс ва муваффақият); 3) таҳия ва амалисозии системаи омӯзиши ҷуқури фанҳо ба воситаи маркази таълими иловагӣ барои донишҷӯёне, ки холигиҳо дар донишҳо аз рӯи фанҳои алоҳида доранд; 4) истифодаи шакли ҳавасмандкунии донишҷӯёни аълохоне, ки дар дарсҳо пурра иштирок доранд (сипосномаҳо ба волидайн барои тарбияи хуби фарзанд, ифтихорномаҳо ба донишҷӯён пас аз итмоми соли таҳсил).

Натиҷаҳои бадастомадаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон медиҳанд, ки таҳия ва амалисозии мониторинги дар асоси менеҷменти умумии сифат ва талаботҳои стандартҳои байналмиллали ИСО силсилаи 9000 асосёфта, истифодаи маҷмӯи маводҳои таҳияшудаи меъёрӣ-методӣ, ки ҷавобгӯи талаботҳои стандартҳои байналмиллали ИСО силсилаи 9000 солҳои 2019-20 ба фаъолияти колеҷ дахлдошта, мебошанд, имкон доданд, ки сохтори идоракунии сифати таълим ташкил шуда, самаранокии он таъмин карда шавад.

Дар **хулосаи** диссертатсия, дар асоси маълумотҳои таҷрибаҳои муқарраркунанда ва тасдиққунанда, **хулоса ва тавсияҳои** зерин бароварда шуданд:

1. Раванди идоракунии самараноки сифати таълим дар таҳия ва амалисозии мониторинги ҳама равандҳо сохта мешавад, ки онҳо фаъолияти таълимиро дар колеҷ таъмин мекунанд.

2. Таъминоти педагогии истифодаи мониторинг чун воситаи идоракунии сифати таълимро марҳила ба марҳила амалӣ намудан мумкин аст: дар марҳилаи аввал, дар ҷараёни ташкили кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, тайёрии маърифатии роҳбарони зинаи баланди колеҷ амалӣ карда мешавад; дар марҳилаи дуюм, ҳама сохторҳои таъминкунандаи раванди таълим дар колеҷ ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд; дар марҳилаи сеюм таҳияи ҳама ҳуҷҷатгузории системаи менҷменти сифат (низомномаҳо, дастурҳо, тартибҳо, дастурҳои методӣ) амалӣ карда мешавад; дар марҳилаи чорум ҷорикунии системаи менҷменти сифат дар амали фаъолияти идоракунӣ ба амал бароварда мешавад.

3. Ҷараёни баҳодиҳии сифати таълим дар колеҷ бояд на танҳо рушди тағйироти таснифоти феномени ташаккулёбандаро дар сатҳи донишҷӯи алоҳида ё гурӯҳ ташхис намояд, балки тағйиротҳои мусбиро аз рӯи ҳар як нишондиҳанда ва захираҳои ҷойдоштаро дар баланд бардоштани сифати таълим низ бояд бинад.

4. Аз рӯи натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ самаранокии шартҳои ошкоршудаи педагогӣ ва зарурати истифодаи комплексии онҳо дар идоракунии сифати таълим ба воситаҳои мониторинг исбот карда шуд. Дар марҳилаи ташаккулёбии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ баландшавии маълуми нишондиҳандаҳое, ки рушди сатҳи баландшудаи сифати таълимро тасниф медиҳанд, мушоҳида карда шуд.

5. Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда асосноккунии илмӣ ва аҳамияти нуктаҳои пешниҳодшудаи фарзия оид ба самаранокии шартҳои педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ-касбии курсантон дар раванди таълимии муассисаи олии ҳарбӣ, тасдиқ карда шуд.

Дар тадқиқоти гузаронида шуда ба ошкорсозии амалишавии шартҳои ташкилӣ-педагогии идоракунии сифати таълими колеҷ аҳамият дода шуд.

Ба сифати самти ояндадори давомдиҳии тадқиқот шуда метавонанд: омӯзиши шартҳои ташкилӣ-педагогии ташаккул ва рушди таҷрибаи иҷтимоӣ-касбии ҳама субъектҳои таълим оид ба таҳияи меъёрҳои идоракунии басифати раванди таълим дар асоси истифодаи мориторинг; васеъ намудани предметва объекти тадқиқот; ба тайёр намудани кадрҳо таҳия ва воридкунии самтҳои нави таъминкунандаи сифати баланди таълим ва таъмини рақобатпазирии хатмкунандагони колеҷ.

Дар замимаҳо анкетаҳо, тестҳо ва барномаҳои кори таълимӣ бо субъектҳои идоракунандар сифати таълим пешниҳод шудаанд, ки дар таҷрибаҳои муқарраркунанда ва ташкилкунанда истифода шудаанд.

МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ШУДААНД:

1. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан ва КОА ФР тавсия кардаанд:

[1-М]. Оналбеков Е.Ж. (в соавт. Сабаев Б.Б.). Управление качеством образования на основе использования мониторинга. Вестник Таджикского национального университета (ISSN 2074 – 1847) 2022, №3. – С. 239 – 247.

[2-М]. Оналбеков Е.Ж. Оценивание профессиональной компетентности студентов направления подготовки «Педагогическое образование» с использованием электронного портфолио. //Человек и образование, №1(33), 2020. – С. – 197 – 210.

[3-М]. Оналбеков Е.Ж. Оценивание общих компетенций обучающихся профессиональной образовательной организации на учебных занятиях. //Гуманитарные исследования. Вестник Омского государственного педагогического университета. №1(18), 2018. – С. 109 – 113.

2. Мақолаҳои илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда:

[4-М]. Оналбеков Е.Ж. Образовательные программы как фактор развития успешной системы среднего профессионального образования//Управление качеством образования: Сборник статей Международной научно-практической конференции. – Астана: МЦНС. – 2017. С.68 -71.

[5-М]. Оналбеков Е.Ж Мониторинговые аспекты управления качеством профессиональной готовности будущих рабочих //Проблемы управления качеством образования: сборник избранных статей Международной научно-методической конференции. – Алматы, (май 2018).–ГНИИ «Нацразвитие», 2018. – С. 36 – 39 .

[6-М]. Оналбеков Е.Ж. Управление на основе данных. // Проблемы и перспективы развития систем оценки качества образования. VI Научно-практическая конференция (02 декабря 2018 года, г. Костанай): Сборник материалов конференции– Костанай: КЦОКИО, 2018. – С.197 – 199.

[7-М]. Оналбеков Е.Ж.Управленческий потенциал применения мониторинга обеспечения объективности оценочных процедур. Учебное пособие: для студентов факультета «Менджмент» /Под ред. проф.М.А. Джамбулова, Изд-во: Шымкентский университет. 2019. – 196 с.

[8-М]. Оналбеков Е.Ж. Внутренняя система оценки качества образования как ресурс развития кадрового потенциала педагогических работников //Проблемы и перспективы развития систем оценки качества образования. V Международная научно-практическая конференция (19 ноября 2019 года, г. Павлодар): Сборник материалов конференции. – Павлодар, ПГУ. 2020. – С.103 – 106.

[9-М]. Оналбеков Е.Ж. Технологии психологического мониторинга метапредметных результатов для оценки качества образования//Проблемы и перспективы развития систем оценки качества образования. Сборник материалов Международной конференции / под ред. А.А. Барабаса. – Нур-Султан: КТУ, 2020. – С. 120 – 124.

[10-М]. Оналбеков Е.Ж. Комплексное решения для оценки удовлетворенности обучающихся качеством образования// Современное образование: содержание, технологии, качество. Материалы XXV международной научно-методической конференции. Нур-Султан, Изд-во ГЭТУ «КАЗЭТИ», 2021. – С. 289 – 293.

АННОТАЦИЯ

диссертации Оналбекова Ержана Жарылкасановича «Мониторинг как средство управления качеством образования студентов в образовательном учреждении» на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08.05 - Теория и методика профессионального образования (гуманитарные науки).

Ключевые слова: мониторинг, управление образование, качество образования, педагогические условия, информационно-образовательная среда.

Актуальность темы. Интенсивное развитие науки и производства в государстве становятся источником разработки новых, современных программ подготовки специалистов, выпускников профессиональной школы, которые востребованы на рынке труда. В этой связи, следует отметить высокую зависимость учреждений профессионального образования от общественных вызовов, от социально-политической обстановки в стране. Перед современным профессиональным образованием сегодня стоит задача обеспечить динамичное развитие страны и обеспечить ее процветание. Анализ документов правительства республик Центральной Азии и Казахстана свидетельствует, что в принятых Концепциях развития профессионального образования особое внимание уделяется вопросам повышения качества и доступности профессионального образования, развитию академической мобильности, позволяющей будущим специалистам приобщится к лучшим образцам современного образования, связанного с получением профессии.

Целью исследования является проектирование и обоснование мониторинга качества образовательного процесса в образовательном учреждении.

Научная новизна и теоретическая значимость исследования состоит в том, что: разработан мониторинг качества образования студентов на принципах всеобщего менеджмента в среднем профессиональном учебном заведении, который ориентирован на информационное обеспечение управления, что позволяет судить о состоянии качества образования в любой момент времени и дающий прогноз его развития; разработана инновационно-образовательная среда, способствующая организационному единству педагогического коллектива в процессе управления качеством образования; разработан пакет нормативно-методических материалов, адаптирующих требования международных стандартов ИСО серии 9000 версии 2019 года применительно к деятельности колледжа.

Практическая значимость состоит в том, что разработанный мониторинг качества образования может быть использован как основа для управления образовательным процессом; предлагаемые схемы сбора, обработки и анализа информации могут служить механизмом повышения качества образования; в исследовании разработан пакет документов, адаптирующих требования международных стандартов ИСО серии 9000 версии 2019 года применительно к деятельности колледжа; в исследовании апробированы методики и способы получения информации о качестве образования в образовательном учреждении, являющиеся основаниями для принятия управленческих решений.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Оналбеков Ержан Жарилкасинович дар мавзӯи «Мониторинг чун воситаи идоракунии сифати Таҳсилоти донишҷӯён дар муассисаи таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.05 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

Калидвожаҳо: мониторинг, идоракунии таҳсилот, сифати таҳсилот, шартҳои педагогӣ, фазои иттилоотӣ-таълимӣ.

Муҳимияти тадқиқот талаботҳои муосирро ба сифати таҳсилот инъикос менамояд. Онҳо дар ҷустуҷӯи воситаҳои педагогии ба ин талаботҳо ҷавобгӯ муайянкунанда мебошанд. Рушди босуръати илм ва истеҳсолот дар давлат сарчашмаи таҳияи барномаҳои нав ва муосири тайёр сохтани мутахассисон, хатмкунандагони мактаби касбӣ мешавад, ки дар бозори меҳнат серталабанд. Аз ин хотир вобастагии баланди муассисаҳои таҳсилоти касбиро аз талаботҳои ҷамъиятӣ ва вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар кишвар, қайд намудан лозим аст. Дар назди таҳсилоти муосири касбӣ имрӯз вазифаи рушди самараноки кишвар ва таъминоти ободии он меистад.

Мақсади тадқиқот аз таҳия ва асосноккунии мониторинги сифати раванди таълим дар муассисаи таълимӣ иборат мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот иборатанд аз: дар манбаъҳои гуногун омӯхтани таҷриба ва дастовардҳои илм ва амалия дар самти таҳия ва истифодаи мониторинги муассисаи таълимӣ; амалӣ намудани методҳо ва усулҳои дастрас намудани маълумот оид ба сифати таълим дар муассисаи таълимӣ; таҳияи мониторинги сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ; санҷиши мониторинги сифати таълим дар муассисаи таълимӣ.

Усулҳои тадқиқот аз таҳлили назариявӣ, усулҳои математикӣ ва оморӣ барои коркарди натиҷаҳои бадастомада, омӯзиши маводҳои фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон, мушоҳида, моделиронӣ иборатанд.

Навгонии илмӣ дар мониторинги сифати таҳсилот бо шартҳои менеҷменти умумӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда шудааст, ки ба таъминоти иттилоотии идоракунӣ равона шудааст ва имкони баҳодиҳии ҳолати сифати таълим дар ҳама лаҳзаи вақт ва дурнамои рушди онро медиҳад; фазои инноватсионӣ-таълимӣ таҳия шуда аст, ки ба ягонагии ташкилии коллективи педагогӣ дар раванди идоракунии сифати таълим мусоидат мекунад; маҷмӯи маводҳои меъёрӣ-методӣ таҳия шуда аст, ки ба талаботҳои стандартҳои байналмиллалии ИСО силсилаи 9000 соли 2019 нисбати фаъолияти колеҷ ҷавобгӯ мебошад.

ANNOTATION

dissertations of Onalbekov Yerzhan Zharylkasanovich "Monitoring as a means of managing the quality of education of students in an educational institution" for the degree of Candidate of Pedagogical Sciences in the specialty 13.00.08.05 - Theory and methodology of vocational education (humanities).

Keywords: monitoring, management of education, quality of education, pedagogical conditions, information and educational environment.

The relevance of the topic. The intensive development of science and production in the state is becoming a source of the development of new, modern training programs for specialists, graduates of vocational schools, which are in demand in the labor market. In this regard, it should be noted the high dependence of vocational education institutions on public challenges, on the socio-political situation in the country. Modern vocational education today faces the task of ensuring the dynamic development of the country and ensuring its prosperity. The analysis of the documents of the Government of the republics of Central Asia and Kazakhstan shows that in the accepted Concepts of the development of vocational education, special attention is paid to improving the quality and accessibility of vocational education, the development of academic mobility, allowing future specialists to join the best examples of modern education related to obtaining a profession.

The purpose of the study is to design and substantiate the monitoring of the quality of the educational process in an educational institution.

The scientific novelty and theoretical significance of the study is that: monitoring of the quality of students' education on the principles of general management in secondary vocational educational institutions has been developed, which is focused on information management, which allows us to judge the state of the quality of education at any time and gives a forecast of its development;

An innovative educational environment has been developed that promotes the organizational unity of the teaching staff in the process of quality management of education; a package of normative and methodological materials has been developed that adapt the requirements of the international standards ISO series 409000 version 2019 in relation to the activities of the college.

The practical significance lies in the fact that the developed monitoring of the quality of education can be used as a basis for managing the educational process; the proposed schemes for collecting, processing and analyzing information can serve as a mechanism for improving the quality of education; the study developed a package of documents adapting the requirements of international standards ISO 9000 series version 2019 in relation to the activities of the college; the study tested methods and methods of obtaining information about the quality of education in an educational institution, which are the basis for making managerial decisions.